# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «23» 04 соли 2026 № 142/бд ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 108, 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Қодирӣ Н.Д. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Қодирӣ Н. Д. аз 21 апрели соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ